**Ба шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-13 назди ДДҲБСТ (735700, ш.Хуҷанд, микроноҳияи 17, бинои 1)**

## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ризоқулов Тӯрақул Рабимқулович ба диссертатсияи Ҳасанова Махфират Иномовна дар мавзуи "Иттилоотонӣ дар такмили низоми идоракунии иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисод аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

Дар стратегияи рушди кишвар самтҳои гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ дарҷ гардидаст, ки ин бе истифода бурдани технологияҳои иттилоотӣ имконнопазир аст. Бинобар ин, таҳқиқи масъалаҳои ҳалталаби ҷараёни васеъ паҳн намудани иттилоотонӣ дар ҷомеа, алалхусус, дар низоми идоракунии мақомотҳои давлатии ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ басо муҳим аст. Аз ҷониби мақомотҳои мазкур дар мадди аввал хизматрасониҳои давлатӣ, танзими вазифаҳои зарурӣ, ки дар рушди ҷомеа нақши аввалиндараҷа дорад ва дар он истифодабарии низомҳои иттилоотӣ самараи баланд хоҳад дод.

Шарти асосии пешравӣ ва ноил гардидан ба муваффақиятҳои назаррас дар самти гузариш ба иттилоотонӣ дар иқтисодиёти ин мавҷудияти кадрҳои баландихтисос, ҳам аз нуқтаи назари сифат ва ҳам аз нуқтаи назари миқдор мебошад. Мавҷудияти дар иқтисодиёти вилояти Суғд корхонаҳое, ки дар соҳаи саноати технологияи баланд (саноате, ки сатҳи баланди илмӣ дорад) фаъолият дошта бошанд, дар минтақа чунин корхонаҳо ҳоло қариб вуҷуд надоранд.

Боиси қайд аст, ки дар ҷараёни иттилоотонии иқтисодиёт омода намудани кадрҳо, яъне, аз ҳама муҳим, омили саводнокии компютерии аҳолӣ мавқеи аввалро дорад.

Диссертатсияи Ҳасанова Махфират Иномовна, ки ба иттилоотонӣ дар такмили низоми идоракунии иқтисодиёти минтақа бахшида шудааст, дар давронӣ соҳибистиқлолӣ басо актуалӣ ва муҳим мебошад.

Ҳангоми таҳияи кори илмӣ Ҳасанова М.И. бо теъдодӣ зиёди адабиёти илмӣ сарукор намуда, маводҳои зарурии омориро оид ба масъалаи омӯхташаванда ҷамъ ва коркард намудааст.

Боиси қайд аст, ки аз рӯи таҳқиқот қонуниятҳо, тамоюл ва мушкилоти ин бахш баҳои объективии худро гирифтааст.

Дар раванди навиштани диссертатсия Ҳасанова М.И. худро ҳамчун корманди илмӣ ҷиддӣ нишон дод, ки вай дорои донишҳои васеи назариявӣ ва амалӣ дар масъалаҳои мушкили иқтисодӣ мебошад ва тавонист арзёбии маҷмӯи шароит ва омилҳои ҷараёни иттилоотонии иқтисодиёти вилояти Суғд, асосноккунии ҷанбаҳои назариявии он ва коркарди тавсияҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии низоми иттилоотонии иқтисодиёт дар минтақаро исбот намояд.

Рисолаи илмии пешкаш карда шуда, аз сарсухан, се боб, хулосаю пешниҳодҳо, руйхати адабиёти истифодашуда иборат аст, ки ба тарзи кофӣ ноилгардӣ ба мақсади гузошташудава масъалаҳои тадқиқот имконият дода, хулосаҳои ба даст омадаро асоснок намудаанд.

Дар давоми иҷро намудани рисолаи номзадӣ Ҳасанова М.И. дар конфренсияҳои илмӣ – амалии сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва вилоятӣ фаъолона иштирок намуда, ҳамзамон дар семинари илмӣ – назариявии донишгоҳ мунтазам маърӯза намудааст. Дар раванди тадқиқоти илмӣ дар самти мавзӯи рисолаи номзадӣ бомуваффақият супорида шуда, 7 мақолаи илмӣ омода ва нашр гардидааст, ки он аз 4 мақола дар маҷаллаҳои дар рӯйхати КОА-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мансуб буда, ба табъ расидааст.

Дар рафти кор бо диссертатсия қобилияти баланди бурдани корҳои таҳқиқотӣ ва омӯзиширо зоҳир намудааст. Сохтори рисолаи илмӣ мантиқан дуруст буда, лаҳзаҳои характери навгонии илмӣ доштаро доро мебошад. Ин нуктаҳо баёнгари онанд, ки дар кори диссертатсионӣ ҳамаи

мақсадҳо ва вазифаҳои гузошташуда иҷрои худро ёфтаанд. Хулосаҳо ва пешниҳодҳои баровардашуда, ба назари мо, диққатҷалбкунандаанд. Аз ҳамин лиҳоз, кори диссертатсионии Ҳасанова Махфиратро барои муҳокима дар ҷаласаҳои дахлдор оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ,**
**д.и.и., профессор, муовини**
**ректор оид ба илм ва инноватсияи**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,**
**бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Ризоқулов Т.Р.**

**Имзои Ризоқулов Т.Р.-ро тасдиқ менамоям.**
**Сардори раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДДҲБСТ** **Мирпоччоев И.Ҳ.**

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд,
микроноҳияи 17, хонаи 1, ДДҲБСТ
тел:(92)777-77-35 почтаи электронӣ: t_rizokulov@mail.ru

30.04.2022